ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# НАҚША ВА БАРНОМАИ НАМУНАВИИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА ФАННИ МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

Душанбе – 2015

Бо қарори мушоавраи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ____с.2015, №____ тасдиқ карда шудаст.

Мураттибон: А.Раҳмонзода, Л.Назирова, Н.Амонов, С.Эрматов

Муқарризон: Ш.Ёрмаҳмадов, С.Сулаймонӣ

Муҳаррир:

Барномаи мазкур масъалаҳои мубрами таълими фанни «Маърифати оиладорӣ»-ро дар раванди таълим дар бар мегирад. Интихоби дуруст ва бунёди оилаи солим омили муҳими мустаҳкамии ҷамъият ва ободии давлат маҳсуб меёбад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд бояд паҳлӯҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор дода, урфу одатҳои миллӣ, ҳурмату эҳтироми тарафҳо, муносибати хуби зану шавҳарӣ ва маънои зиндагиро хуб дарк карда тавонад.

Барнома барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанни Маърифати оиладорӣ тавсия карда мешавад.

# ПЕШГУФТОР

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии оилаҳои ҷавон ва баланд бардоштани сатхи маърифати оиладорӣ мебошад. Оила ҳамчун падидаи иҷтимои мавриди омӯзишу таҳлили илмҳои гуногун, аз ҷумла илмҳои ҷомеашиносӣ, сотсиология, психология, педагогика, фалсафа ва аз ҳама муҳимтар мавриди омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ дар доираи барномаи ҳуқуқи оилавӣ карор гирифтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ якқатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи ҳуқуқи оилавиро қабул намуда, нақш ва мақоми оиларо дар ҷомеа, дар ташаккули насли наврас тибқи моддаҳои 33 ва 34 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Дар заминаи Қонуни асосии кишвар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ”, “Дар бораи пешгирии зроварӣ дар оила”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи оилавӣ қабул гардиданд.

Аз моддаи 1-и Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор дорад. Аммо аксарияти шаҳрвандони оддӣ, асосан занҳо, ки дар маҳалли дурдаст зиндаги мекунанд, аз қонунгузорӣ дур мебошанд. Бояд донист, ки тибқи Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо он ақди никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад, чунки аксарияти никоҳҳое, ки бо расму оини динӣ барпо карда шудаанд, дар оянда ба муаммоҳое, вобаста бо гирифтани алимент, муқаррар намудани

падарӣ, муайян намудани ҳисса дар вақти тақсимоти амвол ва ғайра оварда мерасонад.

Интихоби дуруст ва бунёди оилаи солим омили муҳими мустаҳкамии ҷамъият ва ободии давлат маҳсуб меёбад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд бояд паҳлӯҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор дода, урфу одатҳои миллӣ, ҳурмату эҳтироми тарафҳо, муносибати хуби зану шавҳарӣ ва маънои зиндагиро хуб дарк карда тавонад.

Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохили оилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад.

Бояд гуфт, ки ободии Ватан аз ободии ҳар хонадону оила ибтидо мегирад ва ободии хонадон бошад, аз фаросату маърифати оиладории волидон сарчашма мегирад. Ташкили оилаи солим дар доираи қонунҳои муайяннамудаи ҳуқуқи оилавӣ ва ба роҳ мондани зиндагии солиму арзанда барои ҳама шахс гуворою форам аст.

# Нақшаи тақвимии фанни «Маърифати оиладорӣ»

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Микдори соат |
|---|---|---|
| 1. | Муқаддима | 1 |
| **Фасли 1. Маърифати оиладорӣ: мафҳум, моҳият ва нақши он дар ташаккули шахсият** | | **4** |
| 2. | Мафҳум, предмет ва аҳамияти омӯзиши фанни маърифати оиладорӣ | 1 |
| 3. | Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ва замони Иттиҳоди Шуравӣ (1917-1991) | 1 |
| 3. | Ҳуқуқи оилавӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| 4. | Муносибатҳои ба танзимдароранди маърифати оиладорӣ | 1 |
| **Фасли 2. Танзими ҳуқуқии никоҳ** | | **3** |
| 5. | Шарт ва тартиби бастани ақди никоҳ | 1 |
| 6. | Муоинаи тиббии шахсони издивоҷкунанда | 1 |
| 7. | Беэътибории никоҳ ва оқибатҳои ҳуқуқии он | 1 |
| | **Фасли 3. Муносибатҳои падару модар ва фарзандон дар оила** | 3 |
| 8. | Муқаррар кардани аслу насаби фарзандон | 1 |
| 9. | Тарбияи кӯдак дар оила | 1 |
| 10. | Масъулияти падару модар барои иҷро кардани уҳдадориҳо ва вазифаҳои падару модарӣ | 1 |
| | **Фасли 4. Оила ва сиёсати демографӣ** | **3** |
| 11. | Мафҳуми сиёсати демографӣ | 1 |
| 12. | Муносибати ба танзимдарорандаи масъалаҳои оилавӣ | 1 |
| 13. | Ҳифзи саломатии модару кӯдак | 1 |
| **Фасли 5. Психологияи муносибатҳои оилавӣ** | | **7** |
| 14. | Нақши оила дар ташаккули шахсияти кӯдак | 1 |
| 15. | Одоби муносибат дар оила | 1 |
| 16. | Дар банди ризои падару модар бош | 1 |
| 17 | Бузургон дар хусуси одоб | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 18. | Масъулияти муҳаббат ва оиладорӣ | 1 |
| 19 | Одоби сухан гуфтан ва нигоҳ доштани асрор | 1 |
| 20. | Қоидаи маҳорати муошират | 1 |
| **Фасли 6.** **Дар боби одоб ва тарбия** | | **11** |
| 21. | Адаб ҳусни инсон аст | 1 |
| 22. | Одоби дӯстдорӣ | 1 |
| 23. | Одоби хонадоршавӣ | 1 |
| 24. | Одоби тозагӣ ва тандурустӣ | 1 |
| 25. | Одоби таҳаммулпазирӣ ва идоранамоии ирода | 1 |
| 26. | Дар боби худдорӣ аз ғазаб | 1 |
| 27 | Шитобкорӣ хатост | 1 |
| 28. | Одоби меҳмондорӣ | 1 |
| 29. | Одоби накуи кардан | 1 |
| 30. | Дар бобби саховату эҳсон | 1 |
| 31. | Дар чорсӯи зиндагӣ: муҳокима, мунозира ва мулоҳиза | 1 |
| | **Фасли 7.** **БЕМОРИҲОИ СИРОЯТКУНАНДА ВА ОҚИБАТҲОИ МАНФИИ ОН** | **3** |
| 32. | ВНМО ва роҳҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда | 1 |
| 33. | АНМО ва оқибатҳои манфии он дар ҳаёти инсон | 1 |
| 34. | Тарзи ҳаёти солим | 1 |

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**Ахлоқ** (аз калимаи лотинии moraIitas- moraIis- mores- анъана, оини халқӣ, рафтор) - мафҳуме, ки дар он дар заминаи таҷрибаи афкорию амалии одамон расму оинҳо, рафторҳо, характерҳо бунёд мегарданд.

**Одоб -** низоми меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа, ки рафтор ва муносибатҳои одамонро нисбат ба якдигар ва умуман ҷомеа муайян менамояд.

**Арзишҳои умумибашарӣ** - қоидаҳои аҳамияти умумидошта ва мусалламе, ки аз ҷониби ҳамаи одамон эътироф шудаанд.

**Адолат** – принсипи ҳуқуқие, ки хосияти дохилӣ ва сифати ҳуқуқро тавсиф мебахшад ва моҳияти иҷтимоии онро ифода менамояд.

**Озодӣ** - ҳолати табиии халқ ва одами алоҳида, ки бо имконияти аз рӯи салоҳдиди худ амал кардан тавсиф бахшида мешавад.

**Гуманизм - инсондӯстӣ** (аз лотинии humanus-одамият) - низоми ҷаҳонбиние, ки асоси онро ҳифзи шаъну эътибор ва худқадркунии шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба саодатмандӣ ташкил медиҳанд.

**Баробарӣ** - вазъияти якхелаи юридикии инсон ва шаҳрванд дар назди қонун, яъне мувофиқати маҷмӯи томи ҳуқуқ ва вазифаҳо дар ҳамаи одамон.

**Баробарҳуқуқӣ** – мувофиқати ҳаҷми танҳо ҳуқуқ. Масалан, баробарии ҳуқуқ ва озодиҳо.

**Якдилӣ** - ҷараёни ғоявии иҷтимоӣ - сиёсӣ ва иқтисодие, ки робитаи воқеӣ ва вобастагии байниҳамдигарии одамонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ омили ифодакунанда меҳисобад.

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

**Арзёбии донишҳо, маҳорат ва малакаҳои хонандагон** – раванди ошкорсозӣ ва муқоисакунии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ дар ин ё он марҳилаи таълим бо талаботи барномаи таълимӣ. Арзёбии донишҳо метавонад дар намуди санҷиши донишҳо сурат гирад.

**Баҳо** – арзёбии донишҳо, маҳорат, малакаҳои хонандагон, ки дар шакли балл (арзёбии расмӣ) ё дар шакли мулоҳизоти арзёбандаи муаллим (арзёбии ғайрирасмӣ) ифода мегардад.

**Дарси муштарак** – дарсе, ки дар худ методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии (интерактивии) таълимро таркибан омезиш медиҳад.

**Дастурдиҳӣ** ( аз франсавии instruire – омӯзондан, таълим додан) – намуди фаҳмондадиҳӣ ва пешниҳоди супориш аз ҷониби муаллим.

**Дедуксия** – усули мулоҳиза, ки мувофиқи он аз нуқтаҳои кулл ба ҷузъ меоянд (аз лотинии deductio – баровардан, ҳосил кардан) – гузариш аз дониши умумӣ дар бораи ашёҳои синфи мазкур ба донишҳои якка (қисм-қисм) дар бораи ашёи алоҳидаи ин синф

**Дидактика** (аз юнонии didaktikos –омӯзанда, марбут ба таълим) – назарияи омӯзиш ва таълим, соҳаи педагогика.

**Инсонгароӣ** –низоми муқаррароти ба меъёрҳо ва арзишҳои маънавӣ асосёфтаи шахсият ба объектҳои иҷтимоӣ (инсон, гурӯҳ, мавҷудоти зинда), ки дар фаҳмиши азиятҳои аз сар гузаронида зоҳир гардида, дар муошират ва фаъолият дар амалҳои ҳамдардӣ, шарикӣ ва кӯмакрасонӣ татбиқ мешавад.

**Инсониятпарварӣ - гуманизм** (аз лотинии humanus – инсонӣ, одамият) – эътирофи арзишмандии инсон ҳамчун шахсият, ҳуқуқ ва рушди озодонаи ӯ ва зоҳир кардани лаёқатмандиҳои худ.

**Кори беруназсинфӣ** – қисми таркибии раванди таълиму тарбиявии мактаб, яке аз шаклҳои ташкили вақти фориғи хонандагон.

**Мантиқ (**аз юнонии Logike, аз logikos – дар асосии мулоҳизот бунёдшуда) – илм дар бораи усулҳои исботкунӣ ва радсозӣ; фанне, ки шаклҳо ва қонунҳои дурустиро меомӯзад, яъне қодир аст, барои васеъ кардани донишҳо ва низомҳои ақлонӣ хизмат намояд.

**Матни мутобиқкардашуда** – матни осонгардонидашудаи асарҳои адабӣ – бадеӣ ва асарҳои дигар, ки барои хонандагон ё кӯдакони тайёриашон суст мутобиқ гардонида шудаанд.

**Методҳои дедуктивии таълим** чунин методҳои таълиманд, ки дар ин маврид таҳвил ё идроки маводи таълим ба тарзи аз кулл ба ҷузъ сурат мегирад.

**Методҳои таълим -** низоми амалҳои пайдарҳам, байни ҳамдигар алоқаманди муаллим ва хонанда, ки азхудкунии мундариҷаи таҳсилотро таъмин мекунад.

**Мулоҳиза** **-**1) ифодасозӣ; 2) амали aқлонии ифодакунандаи муносибати одами суханкунанда ба мундариҷаи фикри баёншуда.

**Муоширaт** – амалиёти байниҳамдигарии ду ва зиёда аз он одамон бо мақсади барқарорсозӣ ва дастгирии муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муваффақшавӣ ба натиҷаҳои умумии фаъолияти якҷоя; яке аз омилҳои муҳимтарини рушди рӯҳӣ ва иҷтимоии кӯдак.

**Мураббӣ** (тренер) –омӯзгори донандаи методҳои интерактивии таълим бо мақсади беҳсозии он.

**Омӯзиш дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ** – кӯшишҳои таълим додан ва паҳн кардани иттилоот дар бораи ҳуқуқи оилавӣ барои ба амал овардани фарҳанги умумии ҳуқуқи оилавӣ бо роҳи ҳосил кунонидани донишҳо, малакаҳо ва ташаккул додани мавқеъҳое, ки ба мустаҳкамсозии эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон.

**Проблема** – масъалаи назарӣ ё амалие, ки таҳқиқот ё ҳалро талаб менамояд.

**Такрор** – бозгашт ба маводи таълимии қаблан омӯхташуда, шарти зарурии азбаркунии амиқу бонизоми мавод аз тарафи хонандагон, ки ба низомнокию ҷамъбастсозии онҳо оварда расонад.

**Тафаккур** – таҷассуми ғайримустақими ҷаҳони беруна, ки ба таассурот аз воқеият такя карда, ба инсон имконият медиҳад вобаста ба донишҳо, маҳорату малакаҳои азхудкардааш иттилоотро дуруст истифода кунад, нақшаҳо ва барномаҳои рафторашро муваффақона ба роҳ монад.

**Таҳлил** (аз юнонии analysis –қисмат кардан) - баррасӣ, омӯзиши чизе бар асоси қисмат кардани (хаёлан, ҳамчунин қисман ба таври воқеӣ) ашё, зуҳурот ба қисмҳои таркибӣ, муайян кардани унсурҳои ба чизи том дохилшаванда.

**Таҳсилот** – раванди муттасили таълим ва тарбия.

**Таҳсилоти ҳуқуқӣ** – омӯзиши қонунгузории мавҷуда, тарбияи эҳтиром ба волоияти ҳуқуқ ва принсипҳои бунёдии адолати судӣ.

**Таълим** – фаъолияти якҷояи мақсадноки муаллим ва хонандагон, ки дар рафти он рушди шахсият, таълим ва тарбияи ӯ ба амал меояд. Равандҳои асосии таълим таҳсилот ва омӯзиш мебошанд.

**Фарҳанги ҳуқуқи инсон** қисми таркибии фарҳанги маънавӣ, ки низоми донишҳо, тамоюлҳо ва ақидаҳои арзишманд, эҳсосоти равонии ба эътирофу эҳтироми шаъну эътибори инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, ҳамчунин малака ва маҳоратҳои амалии татбиқу ҳифзи онҳо асосёфтаро мемонад.

**Фаҳмиш** – раванди тафаккурии ба ошкорсозии хосиятҳои хоси предметҳо ва ҳодисаҳои воқеӣ нигаронидашуда, ки дар таҷрибаи эҳсосотӣ ва назарии инсон дарк карда мешаванд.

**Фаҳмондадиҳӣ** усули дидактикии кушода додани хосиятҳои хоси объекти омӯхташаванда, сохтори дохилӣ ва робитаҳои он бо объектҳои дигар. Фаҳмондадиҳӣ ба таҷрибаи дар хонандагон мавҷуда (эҳсосотӣ ва мантиқӣ, таҷрибаи мулоҳизот) такя карда, ҳамчунин дар худ ҳосил кардани чунин таҷрибаро шомил месозад.

**Фаъолмандии шахсият** (аз лотинии activus –фаъол)- муносибати фаъолона ба ҷаҳон, лаёқати амалисозии дигаргунсозиҳои аҳамияти ҷамъиятӣ доштаи муҳити моддӣ ва маънавӣ дар асоси таҷрибаи ҷамъиятӣ-таърихии инсоният: дар фаъолияти эҷодӣ, амалҳои иродатмандона, муоширát зоҳир мешавад.

**Флипчарт** -тахтаи намоишӣ барои часпондани варақҳои калони коғаз. Худи варақҳоро низ флипчартҳо меноманд.

**Шахсият** – инсон ҳамчун иштирокдори раванди таърихӣ – таҳаввулотӣ, барандаи нақшҳои иҷтимоӣ ва дорои имконияти интихоби роҳи ҳаёт, ки дар рафти он табиат, ҷомеа ва худашро дигаргун месозад.

**Ҷаҳонбинӣ** –тасаввуроти том дар бораи табиат, ҷомеа, инсон, ки дар низоми арзишҳо ва идеалҳои шахсият, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа ифода меёбад.

**Эътиқод** – талаботи бошууронаи шахсият, ки ӯро водор месозад мувофиқи майлҳои арзишманд медонистааш амал намояд.

## ФАСЛИ 1. МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ – 4 СОАТ

### Мавзӯи 1. Мафҳум, предмет ва аҳамияти омӯзиши фанни маърифати оиладорӣ - 1 соат

Оила – ҳамчун падидаи иҷтимоӣ. Предмети ҳуқуқи оилавӣ. Пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оила қисми таркибии ҷомеа ва зиннаи аввали ташаккули инсоният. Рушди ҷомеа ва саҳми оилаи солим дар пешрафти ҷомеа. Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки ба сифати гурӯҳи хурди иҷтимоӣ. Андешаҳои бузургон дар бораи оила.

Нақши оила дар ташаккули шахс. Оила – мактаби тарбияи фарзанд. Самтҳои асосии ҳамкории мактаб бо кумитаи падару модарон ва оила. Мактаби модарӣ-нахустин мактаби тарбияи инсон. Нақши волидон дар интихоби дурусти касби фарзанд. Таълиму тарбияи фарзанд дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди ичтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа.

Моддаи 34-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумхурии Тоҷикистон ва моҳияти он дар ҳаёти шаҳрванд. Ҳамроҳшавии Ҷумхурии Тоҷикистон ба «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак». Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумхурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

**Мавзӯи 2. Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилави дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ва замони Иттиҳоди Шуравӣ - 1 соат**

Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавии тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ: урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, сарчашмаҳои динӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар замони шӯроҳо, Кодекси ҶШФСР дар бораи оила (соли 1918), Декрет дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз 18 декабри соли 1917, Декрет дар бораи бекор намудаи акди никоҳ аз 19 декабри соли 1917, қонунгузории оилавии Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ, Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистон аз 19 июни соли 1969, зарурати тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила (12 сентябри соли 1980, 22 ноябри соли 1984, 24 апрели соли 1990 ва 27 июни соли 1991).

**Мавзӯи 3. Ҳуқуқи оилавӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон-1 соат**

Мавқеи мард ва зан дар никоҳ аз лиҳози ҳуқуқ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конститусияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи пешгирии зуровари дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд».

Ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ. Робитаи ҳуқуқи оилавӣ бо ҳуқуқи маъмурӣ. Одам иштирокчии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ- оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра. Сабабҳои психологии вайрон шудани оилаҳои ҷавон.

**Мавзӯи 4.Муносибатҳои ба танзимдароранди маърифати оиладорӣ-1 соат**

Муносибатҳое, ки дар байни одамон ҳамчун аъзои оила пайдо мегарданд. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ. Танзими муносибатҳо аз ҷониби меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи констутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ. Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ-маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ. Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ва нишонаҳои он. Унсурҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ. Субектҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ. Фактҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оилавӣ. Қатъи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ. Бамалбарории ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ.

## ФАСЛИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НИКОҲ - 3 СОАТ

**Мавзӯи 5. Шарт ва тартиби бастани никоҳ -1 соат**

Мафҳумҳои асосӣ - «никоҳ», «сини никоҳӣ», «озодии акди никоҳ». Никоҳ иттифоқи ҳуқуқии танзимшудаи ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии зану мард. Фаҳмиши мафҳуми «никоҳ» дар аҳди қадим. Мафҳуми никоҳ фарогири хусусиятҳои ҳуқуқи ва хусусиятҳои маънавӣ. Нишонаҳои ҳуқуқии никоҳ. Мақсади никоҳ. Қайди никоҳ- боиси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсӣ ва молу мулкии ҳамсарон. Тартиби бастани акди никоҳ. Шарти бастани никоҳ. Шартҳои бастани никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ. Монеаҳо барои бастани акди никоҳ. Никоҳи қалбакӣ.Принсипи якканикоҳӣ асоси ташкили муносибатҳои оилавӣ. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои никоҳ ва оила. Никоҳ – хушбахтии ҳамсарон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Мавзӯи 6.Муоинаи тиббии шахсони издивоҷкунанда-1 соат**

Солимгардонии оила- масъалаи асосии давлат. Ба роҳ мондани муоинаи тиббии шахсони издивоҷкунанда.

Талаботи моддаи 23 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон – манъ будани паҳн кардани ҳамагуна маълумоти ба ҳаёти шахс таалуқдошта. Муоинаи тиббӣ сирри тибист. Ташхиси тиббии издивоҷкунандагон дар қонунгузории яққатор давлатҳои хориҷӣ. Бемориҳое, ки барои бастани ақди никоҳ монеъ намешавад. Махфӣ доштани бемории зуҳравии сирояткуннада ба ҷавобгарии ҷиноӣ ва бекор кардани ақди никох мерасонад. Ташкили оилаи солим ва тарбияи дурусти фарзанд.

**Мавзӯи 7.Беэътибории никоҳ ва оқибатҳои ҳуқуқии он -1 соат**

Баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ. Асосҳое, ки ба бекор шудани ақди никоҳ мерасонад. Мафхумҳои «ақди никоҳ беэътибор» ва «беэътибор донистани ақди никоҳ». халалдор шудани принсипи якканикоҳӣ. Ҳуқуқи муроҷиат намудан ба суд барои беэътибор донистани ақди никоҳ. Оқибатҳои ҳуқуқии беэътибор донистани ақди никоҳ. Беэътибор донистани аҳдномаи никоҳ. Ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсарон дар тақсимоти молу мулки якҷоя дар давраи ҳамзистӣ ба дастовярданд.

## ФАСЛИ 3. МУНОСИБАТИ ПАДАРУ МОДАР ВА ФАРЗАНДОН ДАР ОИЛА – 3 СОАТ

**Мавзӯи 8.Муқаррар кардани аслу насаби фарзандон – 1соат**

Ҳуқуқи кӯдак ба ном, насаб ва номи падар,қисми 1 моддаи 7 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (кӯдак пас аз таваллуд ба қайд гирифта мешавад ва аз лаҳзаи таваллуд ба ном ва гирифтани шаҳрвандӣ ҳақ дорад), моддаи 58 КО ҶТ кӯдак ба доштани ном, номи падар ва насаби ӯ тибқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ сурат

мегирад, тарзи асосии сабт намудани ному насаби кӯдак тибқи муқаррароти қонунгузории оилавӣ ва дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани ном, номи падар ва насаби кӯдаке, ки дар асоси ҷойгирсозии ҷанин аз падару модари дар акди никоҳи расмии ба давлатӣ гирифташуда, бақайд гирифтани кӯдаке, ки падар ва модар аз ӯ даст кашидаанд (ёфтшуда, партофташуда), ҳолатҳои иваз намудани ном, номи падар ва насаб.

**Мавзӯи 9. Тарбияи кӯдак дар оила -1соат**

Ҳуқуки кӯдак барои зиндагӣ ва тарбия дар оила, боби 11 КОҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо дарназардошти ташаккули рӯҳӣ ва равонии кӯдак,қисми 2 моддаи 55 КОҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба тарбия дар оила, инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдак дар оила, муҳайё намудани шароити муътадил дар оила барои инкишофи солими кӯдак, ӯҳдадори падару модар дар тарбияи кӯдак дар оила, эҳтироми шаъни инсонии кӯдак дар оила, таълим ва тарбияи кӯдакони бесаробонмонда, накши муоширати дар раванди таълим ва тарбияи кӯдак, ҳуқуқи кӯдак барои ихтиёрдории амволи таҳти моликияташ қарордошта (моддаҳои 27 ва 29 КГ ҶТ), ҳуқуқи қудак ба ҳимоя, ҳолатҳои поймол намудани ҳуқуқи кӯдак.

**Мавзӯи 10. Масъулияти падару модар барои иҷро кардани уҳдадориҳо ва вазифаҳои падару модарӣ.-1соат**

Таснифоти умумии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Мазмуни ҳуқуқи падару модар. Масъулияти падару модар дар иҷро кардани уҳдадориҳои худ. Маҳрум намудан аз ҳуқуқи падару модарӣ ва оқибатххои он. Барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ. Махдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Конститутсияи (сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд. Таълим – фаъолияти якҷояи мақсадноки омӯзгор ва хонанда дар ҳамкорӣ бо падару модар ва шахсони ивазкунандаи падару модар. Тарбия – раванди бошуурона ва мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар ва шахсони ивазкунандаи падару модар.

Ҳуқуқи кӯдак ба ном, насаб ва номи падар. Ҳуқуқи молу мулкии кӯдак. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзанд аз ҷониби падару модар Ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо ва идоракунии молу мулк. Ҳуқуқи падару модар ва шахсони ивазкунандаи падару модар дар интихоби шаклу усули таълиму тарбияи фарзанд. Ҳуқуқи иштироки падару модар ва шахсони ивазкунандаи падару модар дар идоракунии муассисаи таълимие, ки фарзанд таҳсил мекунад. амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

## ФАСЛИ 4. ПСИХОЛОГИЯИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ (7-СОАТ)

### Мавзӯи 11. Нақши оила дар ташаккули шахсияти кӯдак (1-соат)

Фарзанд меваи зиндагӣ. Шарҳи байти «Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест…». Номгӯзорӣ ба фарзанд. Шарҳи панди « Эй фазанд, агар Худо ба ту фарзанде ато намуд, номи нек гузор, чунки яке аз ҳаққҳои падар нисбати фарзанд ин гузоштани номи не каст». Тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, хештаншиносӣ ва вазифашиносӣ аз ҷодаи волидон. Таълим ва тарбияи фарзанд дар боғчаи кӯдакон, дар мактаб ва дар донишгоҳ. Ба фарзанд

омӯзонидани касбу ҳунар. Шарҳи байти «Соҳибҳунаре, ки азиз аст, Дар дидаи мардумон азиз аст». Хонадор кардани фарзанд. Шарҳи ҳикояи «Як қулт об деҳ, писарам!».

**Мавзӯи12. Одоби муносибат дар оила (1-соат)**

Эҳтироми якдигар дар оила. Муносибати келин ва хушдоман. Шарҳу тавзеҳи ҳикояи «Қотили Лола кист?». Муносибат бо хусур. Эҳтироми хешу табори ҳамсар. Аҳамияти машварат дар оила.Одоби покизагӣ ва либоспӯшӣ. Даромад ва хароҷоти оила. Шарҳу тавзеҳи ибораи «Сабаби нодонӣ ва ҳам бе́морӣ – ин бекорист». Одоби ҳамсоядорӣ. Ҳақи ҳамсоя. Се ҷиҳати муҳими ҳамсоядорӣ.

**Мавзӯи 13. Дар банди ризои падару модар бош (1-соат)**

Насиҳати падар ба фарзанд. Шарҳу тавзеҳи ҳикояҳои «Дар ризои падару модар». Насиҳати модар ба фарзанд. Эҳтироми падару модар. Қадри волидонро бидон. Шарҳу тавзеҳи ҳикояи «Оқи падар». Сар аз падар макаш. Баракати зиндагӣ. Шарҳу тавзеҳи ҳикояи «Дуои модар». Эҳтиёҷи модар. Оҳамро шунав, писар. Сеҳри аллаи модар. Пазмоншавӣ. Падарони аз хона рондашуда.

**Мавзӯи 14. Бузургон дар хусуси одоб (1-соат)**

Адаб сарчашмаи хештаншиносӣ. Ҳадисҳо дар хусуси «Одобу ахлоқ». Ҳикматҳои Нӯширавони Одил дар боби адаб. Гулчини ҳикматҳо. Одоби салом кардан. Одоби накӯӣ кардан. Одоби илм омӯхтан. Одоби дӯст доштани табиат. Одоби хӯрок хӯрдан ва ҳурмати нон.

**Мавзӯи 15. Масъулияти муҳаббат ва оиладорӣ (1-соат)**

Андешаҳои ошиқона. Исҳори муҳаббат. Шарҳи муҳаббат. Барпо намудани оила. Муҳаббат ё розигии волидон – сарчашмаи оилаи мустаҳкам. Ба инбат гирифтани муҳаббат ё сарват дар оиладорӣ. Фармоиши

ислом дар хусуси оиладорӣ. Ҷавонон ва анъанаҳои миллӣ. Оила ва ҷамъият. Оиладорӣ зарурати ҳаёт. Бунёди оила – эҳтиёҷи физиологӣ ва иҷтимоӣ. Одоби зану шавҳар. Зани хуб – зинати хонадон аст.

**Мавзӯи 16. Одоби сухан гуфтан ва нигоҳ доштани асрор**

Одоби сухан гуфтан. Шаш одоби сухан кардан. Шаш қоидаи сухан ронданро фармӯш набояд кард. Аввал андеша, баъд гуфтор – асоси суханронӣ. Ба сухани хеш эътибор додан – нишонаи боодобӣ аст. Барқарории оила ба риояи одоби суханронии зану шавҳар вобастагӣ дорад. Бузургон дар васфи сухан.

Сухан гуфтан яке аз бузургтарин тухфаи илоҳист. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бобои одоб ва сеҳри сухан. Қоидаҳои сухангӯӣ аз назари бузургон. Дар сухан гуфтан боандеша бош. Ҳикоя аз китоби «Ҷомеъ -ул- калим» дар боби таъсири сухан. Фармудаи Камолиддин Биноӣ дар боби сухангӯӣ:

Эй бародар, басе сухан кам гӯй,
Ки бувад шеду камзарар, баргӯй.
Баста лаб аз ҳадиси беҳуда,
Ғунчасон лаб ба ҳарза накшуда.

Риояи одоби суханронии зану шавҳар омили асосии пойдории оила. Каломи беҳуда нишонаи ҷоҳилист. Ҷисми инсон аз қалб, забон ва аъзои бадан иборат аст. Қалб ба забон, забон ба дуруғу ғайбату сухани беҳуда нагуфтан ва аъзои бадан гуноҳ накардану озор нарасонидан бояд майл дошта бошад. Аз захми забон дида захми камон беҳтар аст. Гуфтаҳои халқ дар хусуси сухан ва сеҳри он: «Ба худи кас не, ба лафзаш нигар», «Сухани гуфташуда-тири партобшуда», «Сухани кам ширин аст», «Сухани нек - роҳати ҷон», «Ҷуз сухани нек магӯ», «Аввал андеша баъд гуфтор», «Сухани нек равған асту сухани бад лой»... Ширинсуханӣ нишонаи боақлии инсон. Санъати сухан гуфтан.

**Мавзӯи 17. Коида ва маҳорати муошират**

Мавқеи созандагӣ ва тобиши мусбати муошират. Улфатпазирии шахс. Қоидаҳои муошрати созанда: бо забони ҳамсуҳбат сухан гуфтан; эҳтиром намудани ҳамсуҳбат; намоиши умумият дар ҷараёни суҳбат; зоҳир намудани шавқу завқ ба ташвишҳои ҳамсуҳбат; ба ҳамсуҳбат имкон додан, ки то ба охир суханашро гуяд; бо диққат гӯш намудани ҳамсуҳбат. Маҳорати муошират. Қонуният ва қоидаҳои муошират. Дараҷаҳои зуҳуроти шиддат дар муошират. Қоидаҳои паст намудани шиддати ҷараёни муошират. Маҳорати бодиққат гӯш намудани ҳамсуҳбат. Зинаҳои бодиққат гӯш намудани ҳамсуҳбат. Ҳолатҳои ногуворе, ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қоидаҳои муошират ба миён меояд. Роҳҳои баромадан аз ҳолати ногувор ҳангоми муошират.

## ФАСЛИ 5. ОИЛА ВА СИЁСАТИ ДЕМОГРАФӢ (3-СОАТ)

**Мавзӯи18. Мафҳуми сиёсати демографӣ (1-соат)**

Мафҳуми «Сиёсати демографӣ». Моҳият ва зарурати ба роҳ мондани сиёсати демографӣ. Проблемаи демографӣ. Афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон. Масъалаи иҷтимоии рушди оила дар ҷомеа. Сиёсати демографӣ ва омилҳои иқтисодӣ. Захираҳои иқтисодӣ. Банақшагирии аҳолӣ. Сиёсати демографӣ дар мамлакатҳои Шарқ. Таҷрибаи мамлакатҳои дигар оид ба сиёсати демографӣ. Бартарии сифат аз шумора.

**Мавзӯи 19. Муносибати ба танзимдорорандаи масъалаҳои оилавӣ (1-соат)**

Фарзанддор шудан орзуи ҳар як оила. Оила ва сиёсати демографӣ. Ба нақшагирии оила- солимии модар ва имконоти иқтисодӣ. Банақшагирии оила- мустаҳакам кардани тандурустии аҳолӣ. Афзоиши аҳолӣ дар

кишварҳои ақибмонда. Проблемаҳои демографӣ дар миқёси ҷаҳон. Роҳу усулҳои беҳтар тарбия намудани кӯдакон. Омодагии кӯдак ба боғча ва мактаб. Ҳифзи модару кӯдак. Мақсади сиёсати демографӣ- таъминиояндаи хуб барои аҳолии кишвар.

**Мавзӯи 20. Ҳифзи саломатии модару кӯдак**

Дуруст бурдани сиёсати демографӣ ва банақшагирии оила муҳофизати модару фарзанд аст. Модар ба дунё оварандаи насли башар. Фарзанд такягоҳ ва қудрати ҳар як оила ва давлат. Сабаби фавти тифлону кӯдакон. Гирифтани пеши роҳи беморumbrii занону фавти кӯдакон. Фарзанд амонатест дар дасти падару модар. «Фарзанди нек - боғи падар, фарзанди бад - доғи падар». Сиёсати демографӣ ва банақшагирии оила маънии маҳдуд кардани таваллуд надорад. Пешгирии ҳомиладоршавӣ исқоти ҳамл (аборт) нест. Шири модар барои тифл ғизои асосӣ ва зарурӣ. Барои таваллуди фарзанди солим фосилаи таваллуд боял риоя карда шавад. Банақшагирии оила ба фармоишоти дин зид нест. Банақшагирии оила тавассути маърифатнокии инсонҳо. пешгири намудани таваллуди фарзандони заиф ва нигоҳдории тандурустии модар.

## ФАСЛИ 6. ДАР БОБИ ОДОБ ВА ТАРБИЯ (12-СОАТ)

**Мавзӯи 21. Адаб ҳусни инсон аст (1-соат)**

Одоб маҷмӯаи ахлоқи некӯи ҳамида. Васфи ахлоқи накӯ. Ҳикоя дар васфи ахлоқи накӯ. Бузургон дар хусуси одоби ҳамида. Одоби Муҳаммад. Дин ин ахлоқи ҳамида ва муомилаи нек бо атрофиён. Ҳадисҳо дар хусуси одобу ахлоқ. Дурдонаҳои ҳикмат.

**Мавзӯи 22. Одоби дӯстдорӣ (1-соат)**

Мактубҳои ошиқона. Муҳаббат – ин меҳри бепоён ба азизи дил аст. Дӯст доштан айб нест. Ширинӣ ва талхиҳои зиндагӣ. Муҳаббат аз имтиҳон мегузарад. Оилае, ки дар аснои муҳаббат ва боварӣ барпо шудаст

умри дароз дорад. Муҳаббат сарчашмаи илҳом ва фаъолии шахс аст. Муҳаббат аз хоҳишоти нафс фарқ дорад. Оқибати ба хоҳишоти нафс дода шудан бадномӣ аст. Номус қаноти муҳаббат аст. Дар васфи ишқи илоҳӣ ва маҷозӣ.

**Мавзӯи 23. Одоби хонадоршавӣ (1-соат)**

Оила зану шавҳарро як умр ҷуфт месозад. Хонадоршавӣ хушбахттарин, пурҳаяҷонтарин ва бозавқтарин лаҳзаи ҳаёти инсон. Масъулиятҳои хонадоршавадагон. Манфиатҳои хонадоршавӣ. Шарт ва қоидаҳои хонадоршавӣ. Маросими никоҳ. Одоби интихоби арӯс. Одоби интихоби домод. Шаби висол. Насиҳати падар ба писар. Дуои модар: «Домоду арус ба ҳамдигар пир шавед!». Усулҳои пешгирии хиёнат.

**Мавзӯи 24. Одоби тозагӣ ва тандурустӣ (1-соат)**

Зебоӣ ва лаззати ҳаёт дар тани сиҳат аст. Бузургон дар хусуси тандурустӣ. Варзиш сарчашмаи сиҳатӣ. Бузургон дар васфи варзиш. Роҳат аз меҳнати ҷисмонӣ. Камхӯрӣ гарави тандурустӣ. Навси бад балои ҷон. Реҷаи хӯрокхӯрӣ асоси тандурустӣ.

**Мавзӯи 25. Одоби таҳаммулпазирӣ ва идоранамоии ирода (1-соат)**

Таҳаммулпазирӣ сарчашмаи оилаи мустаҳкаму пойдор. Ба қаҳру ғазаб роҳ надодан асоси осоиштагии оила. Беҳтарин хислати шахс авф намудан аст. Сабр ва намудҳои он: сабр дар тоат, сабр дар муносибат ва сабр дар худдорӣ аз гуноҳ. Ирода ва бахт мафҳумҳои ба ҳам вобаста. Амали боирода асоси хушбахтӣ. Ноумеди нишонаи сустиродагии шахс аст. Бузургӣ ва қадру қимати инсон дар ирода ӯст.

**Мавзӯи 26. Дар боби худдори аз ғазаб (1-соат)**

Мафҳуми ғазаб. Шарҳи ҳасад. Зуҳуроти ғайбат ва ҳасад. (1-Шарҳу тавзеҳи қиссаи «Оилаи мӯътабаре ба биёбон кучида омаду дар замини санглох боғу роғ намуд…». Оқибатҳои ғазаб ва ҳасад. Шарҳу тавзеҳи

қиссаи «Се ҳасадхӯр». Шахси ғайбатчӣ. Ғайбатчигӣ мисли ҷосусӣ аст.

**Мавзӯи 27. Шитобкорӣ хатост (1соат)**

Нақши туёи арусӣ дар ҳаёти издивоҷкунандагон. Шитобкорӣ одатан ба иштибоҳ мерасонад. Таҳлили байти : Ҳар кӣ дар поёни коре нангарад;

Оқибат рӯзе пушаймонӣ хӯрад.

Шитобкорӣ мисли дар тӯфон бар киштӣ нишастан аст. Меваи сабру қаноат ширин аст. Дар муҳаббат ва интихоби ҳамсар шитобкорӣ хатост. Оқибати сабукӣ. шитобкорӣ ва саросемагӣ дар ҳаёти инсон.

**Мавзӯи 28. Одоби меҳмондорӣ (1-соат)**

Меҳмоннавозӣ хислати хуби тоҷикон. Бо забони меҳмон сухан гуфтан. Меҳмоннавозӣ нишонаи эмон аст. Роҳу усулҳои қабули меҳмон ва хизматрасонӣ ба меҳмон. Бо чеҳраи кушода ва табассум қабул намудани меҳмон. Меҳмон файзу баракат ба хонадон меоварад. Фазилатҳои меҳмоннавозӣ. Қоидаҳои меҳмондорӣ. Меҳмон набояд нохуширо пай барад. Нишонаи хасисӣ. Олиҳимматии Ҳотами Той.

**Мавзӯи29. Одоби накӯи кардан (1-соат)**

Накӯи кардан боиси дарёфти Худованд. Амалҳои накӯӣ: ба ташна об додан, дарахт шинондан, чоҳи об кандан, роҳ сохтан, мушкилоти бенавоёнро осон намудан, ғарибонро дилбардорӣ кардан, сари ятимро сила кардан, риштаи хешу бабориро накандан ва ғайра. Амалҳои бад: ба волидон беҳурматӣ кардан, касеро озор додан, дурӯғ гуфтан, нопокӣ, бешармӣ, минат накардан ва аз меъёрҳои ахлоқӣ дур будан аст. Некӣ кардану ба об партофтан.

**Мавзӯи 30. Дар боби саховату эҳсон.**

Худро бо саховату эхсон оро диҳед. Саховатмандӣ нишонаи ҷавонмардӣ аст. Беҳтарин кас онест, ки аввалин шуда салом медиҳад. Бо бародари худ набояд зиёда аз се рӯз қаҳрӣ гашт. Миёни одамон сулҳ кардан корест савоб. Накӯи кардан файзу баракатро зиёд мекунад. Дилҳлро аз

кина эмин доред. Бахшидани ҳамдигарро омӯзед. Касби падар беҳ аз мероси падар. Қасбу ҳунар шарафу эҳтироматро меафзояд.

Гирди номи падар чӣ мегардӣ?
Падари хеш шав, агар мардӣ.

**Мавзӯи 31. Дар чорсӯи зиндагӣ: муҳокима, мунозира ва мулоҳиза (1-соат)**

Мушкилиҳои зиндагӣ. Шарҳу тавзеҳи ҳикояи «Аз хусуру хушдоман не, аз янгаи худам метарсам». Пастӣ ва баландиҳои ҳаёти оилавӣ. Муносибатҳои хешу таборӣ дар оила. Шарҳу тавзеҳи қиссаи «Зани беникоҳ намешавам». Муҳаббат бо шахси бевафо. Шарҳу тавзеҳи қиссаи «Бе ту зистан мумкин бошад?». Оқибати ошиқӣ. Шамоли хаёлҳои гузаранда. Низоъ дар оила ва роҳҳои бартараф намудани он.

## ФАСЛИ 7. БЕМОРИҲОИ СИРОЯТКУНАНДА ВА ОҚИБАТҲОИ МАНФИИ ОН

**Мавзӯи 32. ВНМО ва роҳҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда**

Ба воя расонидани кӯдаки солим - масъулияти асосии оила. Роҳҳои пешгирӣ намудани одатҳои номатлубу зараровар ба ҳаёти инсон. Падару модар ва калонсолон ба сифати баррандагону тарғибгарони маълумот оид ба пешгирии истифодаи маводи мухаддир, ВНМО, инфексияҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятёбанда. Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки бо ВНМО ва ё бо инфексияи ВНМО мубтало шудаанд. Ташхис барои ВНМО. Риоя намудани махфияти натиҷаи ташхис. Инфексияи ВНМО. Маълумоти умумӣ дар бораи касалиҳои сирояткунда. Роҳҳои сироятёбии ВНМО. Роҳҳои гузаштани ВНМО ба инсони дигар.

**Мавзӯи 33. АНМО ва оқибатҳои манфии он дар ҳаёти инсон**

АНМО – чист? Роҳҳои зоҳиршавии АНМО . Омилҳои асосии рушди АНМО. Тадбирҳои эҳтиётии

ҳаматарафа нисбати инфексияи ВНМО, АНМО ва вирусҳои гепатити В ва С. Пешгирии ҳолатҳои латхӯрӣ. Қоидаҳои расонидани ёрии тиббии аввал дар ҳолати латхӯрӣ. Андешидани тадбирҳо оид ба истифодаи бехатар ва нигоҳдории дурусти асбобҳои буррандаю халанда. Назорати пӯсти бадан.

**Мавзӯи 34.Тарзи ҳаёти солим**

Ташкили тарзи ҳаёти солим. Роҳҳои бехавфу хатар дар зиндагии инсон. Чизҳои муҳим дар ҳаёти инсон. Гирифтани дониш, касб, ҳунар, баланд бардоштани маънавиёт яке аз шаклҳои ташкили ҳаёти солим. Риояи тарзи ҳаёти солим –омили беҳдошти зиндагӣ. Қоидаи риояи тарзи ҳаёти солим. Омилҳои иҷтимоии саломатӣ. Таъсири атрофиёни наздик дар ташаккули шахсияти ту. Оила. Падару модар, омӯзгор, дӯстон ва нақши онҳо дар ҳаёти ту. Варзиш гарафи саломатӣ ва ашкили ҳаёти солим дар ҳаёти инсон.